Низомии Арӯзии Самарқандӣ

# Шоирон ва шоҳон

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2005

Ин китоб бо дастгирии
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов
ба табъ расидааст.

## САРСУХАН

Ному насаби пурраи муаллифи «Чаҳор мақола» Аҳмад ибни Умар ибни Алӣ Ан-Низомӣ Ал-Арӯзӣ Ас-Самарқандӣ будааст.

Вай ҳаштсад сол пеш аз даврони мо, яъне дар асри XII ҳаёт ба сар бурдааст.

Низомии Арӯзӣ ҳамчун донишманд дар замонаш обрӯю эътиборе ба худ дошт ва аҳли қаламу аҳли шамшер баробар эътирофаш кардаанд.

Бино ба маъхазҳои таърих, ки ба замони мо расидаанд, Низомии Арӯзӣ яке аз шоирони машҳури ҳамон давр ва донандаи илми шеър буда, дар баробари он санъати дабирӣ, яъне котибиву номанависӣ ва фанҳои тиббу нуҷумро хело хуб медонистааст.

Маълум ки чунин шахси доно ва эҷодкор бояд асарҳои зиёде таълиф карда бошад. Аммо он асарҳо имрӯз дастрас нестанд. Ё дар ҷангу ҷидолҳо нобуд шудаанд ва ё зери чанги фаромӯшӣ мондаанд.

«Чаҳор мақола» ягона ёдгорест аз ин марди фозил ва чанд ҳикоят аз ин китоби куҳан ва бағоят қиматбаҳо манзури шумо мешавад, то хонеду бидонед, ки бобоёнатон илму адабро то ба кадом пояҳо қадр мекардаанду азиз медоштаанд.

Муҳаррир ***Юсуфҷон Аҳмадзода***
Мусаввир ***Усмони Ашӯр***

Н $\frac{4803540101-7}{\text{М } 503}$ 2005

© Нашриёти «Адиб», 2005.



## ШЕЪР ВА ШОИРӢ

Шоир бояд, ки поксиришт, бузургандеша, хуштабъ, накӯгӯй ва борикбин бошад. Вай бояд аз ҳамаи илмҳо ва аз ҳама расму одатҳо бохабар бошад, зеро шеър дар ҳар илм ба кор меравад чунон ки ҳар илм дар шеър лозим мешавад.

Ва шоир бояд, ки дар маҷлиси сухан хушгӯй бувад ва дар маҷлиси муносибат хушрӯй. Ва бояд шеъри ӯ ба дараҷае расида бошад, ки дар саҳифаи рӯзгор сабт шавад, вирди забонҳо гардад, бар дафтарҳо бинависанд ва дар шаҳрҳо бихонанд, зеро яке аз мақсадҳои шеър бақои исм аст. Ва то сабту сари забонҳо набошад, ин маънӣ ба ҳосил наёяд ва чун шеър ба ин дараҷа набошад, таъсираш асаре надорад ва пеш аз соҳиби худ бимирад. Ва чун шеърро дар бақои худ асаре нест, дар бақои исми дигаре чӣ асар бошад?

Аммо шоир ба ин дараҷа нарасад, агар дар айёми наврасию дар рӯзгори ҷавонӣ бист ҳазор байт аз ашъори шоирони гузашта ёд гирад ва даҳ ҳазор калима аз осори адибони замонаш пеши чашм кунад. Ва пайваста девони устодон ҳамехонаду ёд

ҳамегирад, ки истифодаи нозукиҳои сухан бар чӣ ваҷҳ будааст, то услубу навъҳои шеър дар табъи ӯ нақш бандад ва айбу ҳунари шеър маълумаш гардад. Он гоҳ суханаш рӯ дар тараққӣ дорад ва табъаш ба ҷониби баландӣ майл кунад.

Ҳар киро табъ дар назми шеър устувор шуду суханаш ҳамвор гашт, рӯй ба илми шеър орад ва арӯз бихонад.

Ва ҳамаи ин илмҳо бихонад дар назди устоде, ки он бидонад, то номи устодиро сазовор шавад ва исми ӯ дар саҳифаи рӯзгор падид ояд.

Ва аммо бар подшоҳ воҷиб аст, ки чунин шоирро тарбият кунад, то дар хидмати ӯ падидор ояду номаш аз мадҳи ӯ ҳувайдо шавад. Аммо агар аз ин дараҷа кам бошад, барои ӯ пулу мол зоеъ кардан ва ба шеъри ӯ илтифот намудан нашояд, хусусан ки пир бошад. Ва аз ин хусус бисёр андеша кардаам, дар кулли олам аз шоири пир бадтар наёфтаам. Ва ҳеҷ (музд) зоеътар аз он нест, ки ба вай диҳанд. Ноҷавонмарде ки ба панҷоҳ сол надониста бошад, ки он чи ман мегӯям бад аст, кай бихоҳад донистан?

Аммо агар ҷавоне бувад, ки табъи рост дорад, агарчи шеъраш нек набошад, умед бувад, ки нек шавад. Ва дар шароити озодагӣ тарбияти ӯ воҷид бошад. Ва нигаҳбонии ӯ фарз ва меҳрубонӣ бо ӯ лозим.

## БАДЕҲАГӮИИ РӮДАКӢ

Чунин овардаанд, ки Наср ибни Аҳмад, аз сулолаи Оли Сомон, шоҳи одиле буд. Авҷи давлати он хонадон айёми мулкдории ӯст. Дар аҳди вай хазинаҳо пуру ва лашкар бисёр буд ва бандагон фармонбардорӣ мекарданд. Одатан зимистон дар дорулмулки Бухоро меистод ва дар тобистон ба Самарқанд мерафт, ё ба шаҳре аз шаҳрҳои Хуросон.

Як сол навбати сафар ба Ҳарӣ рост омад. Ва фасли баҳор дар Бодғис буд, ки Боғдис аз хуррамтарин чарохорҳои Хуросону Ироқ аст. Қариб ҳазор дараҳоест пуробу алаф, ки ҳар яке лашкареро кифоя мекунад.

Чун аспу шутуру хачирон баҳорон некӯ бихӯрданд ва ба тану тӯши худ бирасиданду шоистаи майдону ҳарб шуданд, Наср ибни Аҳмад ҷониби Ҳарӣ рафт. Ва ба дари шаҳр, ба Марғи Сапед фуруд омаду лашкаргоҳ сохт. Айёми баҳор буд. Шамол равон шуд ва меваҳо пухтанд. Меваҳои шаҳдбор, ки монанди он дар бисёр ҷойҳо дастрас нест ва агар ёфт шавад, ба ин арзонӣ набошад.

Он ҷо лашкар фароғат кард. Ҳаво хуш буд. Бод сарду нон арзонӣ ва меваҳо бисёру гулҳои хушбӯ фаровон. Мардуми лашкарӣ аз баҳору тобистон ба муроди дил баҳра бардоштанд. Ва чун меҳргон даромад ва мавсими шарбати ангур фаро расид, ба замми он нозбӯю пудинаю бобуна гул кард, онҳо кайфу сафои давраи ҷавонӣ диданд. Шоду хуррам буданд.

Меҳргон дер даркашиду сармо қувват накард ва ангур дар ғояти ширинӣ расид. Ва дар шаҳри Ҳарӣ саду бист навъи ангур ёфт мешуд, ки ҳар як аз дигаре латифтару лазизтар. Ва аз он ду навъ аст ки дар ҳеҷ ноҳияи рӯйи замин ёфт нашавад. Яке парниён ва дуввум каланҷарии тунукпӯсти хурдхӯшаи бисёроб, гӯйӣ, ки дар он аз таркиби хок чизе нест. Ангури каланҷарӣ сиёҳ чун қиру ширин чун шакар ва аз вай бисёр хӯрдан мумкин ба сабаби серобиаш. Ва навъҳои дигар, ки ҳама дилкаш аст.

Чун амир Наср ибни Аҳмад меҳргону самарҳои он ҷо бидид, азим хушаш омад. Наргис расидан гирифт. Кишмиш бияфканданд, мавизи нав гирифтанд ва ганҷинаҳо пур карданд.

Амир бо лашкараш ба ду деҳа даромад, ки он деҳотро Ғӯра ва Дарвоз мегуфтанд. Сароҳое диданд ҳар яке чун биҳишти аъло ва ҳар якеро боғею бӯстоне. Зимистон он ҷо муқом карданд ва аз ҷониби Сиҷистон норанҷ овардан гирифтанду аз ҷониби Мозандарон турунҷ расидан гирифт. Зимистонро дар ғояти хушӣ гузарониданд.

Чун баҳор даромад, асбоб ба Бодғис фиристоданду лашкаргоҳ ба Молан, ба миёни ду ҷӯ бурданд. Ва чун тобистон даромад, меваҳо пухт, амир Наср ибни Аҳмад гуфт:

— Тобистон куҷо равем, ки аз ин ҷо беҳтар ҷое набошад. Меҳргон биравем.

Ва чун меҳргон даромад, амир гуфт:

— Меҳргони Ҳарӣ бихӯрем, баъд биравем.

Ва ҳамчунин фасле ба фасле ақиб мепартофт, то чаҳор сол гузашт. Зеро ки бузургтарин сарвари давлати Сомониён буд ва ҷаҳон ободу мулк бедушман ва лашкар фармонбардору рӯзгор мусоид ва бахт мувофиқ буд. Амирро сокин диданд, ҳавои Ҳарӣ дар сари ӯ ва ишқи Ҳарӣ дар дили ӯ. Дар аснои сухан Ҳариро ба боғҳои ҷаннат монанд мекард, балки аз биҳишт беҳтар медонист. Аҳли рикобу мардуми лашкарӣ донистанд, ки вай дилу нияти он дорад, ки ин тобистон низ он ҷо бошад.

Пас сарони лашкару бузургони мулк ба назди устод Абӯабдулло ар-Рӯдакӣ рафтанд. Аз ҳамсӯҳбатони амир ҳеҷ кас мӯҳташамтар, маҳбубтар ва маъқулгуфтортар аз ӯ набуд. Онон ба устод Рӯдакӣ гуфтанд:

— Панҷ ҳазор динор туро хидмат кунем, агар санъате бикунӣ, ки амир аз ин хок ҳаракат кунад. Дилҳои мо орзӯи фарзанд ҳамебарад ва ҷони мо аз иштиёқи Бухоро ҳамебарояд.

Рӯдакӣ қабул кард. Вай хислати амирро хуб медонист ва мизоҷи ӯ нағз мешинохт. Донист, ки алҳол сухани наср ба ӯ таъсир надорад. Рӯй ба назм овард. Қасидае гуфт. Ва ба вақте ки амир машғули сабӯҳӣ буд, даромаду ба ҷои худ нишаст. Чун мутрибон дам гирифтанд, ӯ чанг баргирифт ва дар пардаи «Ушшоқ» ин қасида оғоз кард:

Бӯи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.

Пас таъзим карду гуфт:

Реги Омӯю дуруштии роҳи ӯ
Зери поям парниён ояд ҳаме.
Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯи дӯст
Хинги моро то миён ояд ҳаме.
Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,
Мир сӯят шодмон ояд ҳаме.



Мир моҳасту Бухоро осмон,
Моҳ сӯйи осмон ояд ҳаме.
Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Савр сӯйи бӯстон ояд ҳаме.

Чун Рӯдакӣ ба ин байт расид, амир чунон ёди Бухоро кард, ки аз тахт фуруд омад ва бемӯза ба асп савор шуд ва роҳи Бухоро пеш гирифт. Шалвору мӯзаашро то ду фарсанг, то Буруна аз дунбол бурданд. Дар он ҷо шалвору мӯзаро пӯшид ва дам нагирифта то Бухоро омад. Ва лашкариён он панҷ ҳазор динор ду чанд карда ба Рӯдакӣ доданд.

Соли 1110 милодӣ дар Самарқанд шунидам аз деҳқон Абӯриҷо Аҳмад ибни Абдуссамад ал-Обидӣ ки гуфт:

— Ҷадди ман Абӯриҷо ҳикоят кард, ки чун дар ин навбат Рӯдакӣ ба Самарқанд омад, чаҳорсад шутур бор дошт.

Ва алҳақ, он бузург ба ин шукӯҳ арзонӣ буд, ки ҳанӯз ин қасидаро кас ҷавоб нагуфтааст. Шоирон маҷоли он надидаанд, ки аз ӯҳдаи ин кори душвор мебароянд.

Аз ширинсуханону латифтабъони Аҷам яке амирушшуаро Муиззӣ буд, ки шеъри ӯ дар тиловату тароват бағоят аст ва дар равонию ширинӣ ба ниҳоят.

Зайнулмалик Абӯсаиди Ҳинду ибни Муҳаммад ибни Ҳинду ал-Исфаҳонӣ аз Муиззӣ дархост кард, ки:

— Он қасидаро ҷавоб гӯй.

Гуфт:

— Натавонам.

Илтимос кард. Чанд байт бигуфт, ки як байт аз он байтҳо ин аст:

Рустам аз Мозандарон ояд ҳаме,
Зайнулмалик аз Исфаҳон ояд ҳаме.

Ҳама хирадмандон донанд, ки миёни ин суханону он сухан чӣ тафовут аст? Ва кӣ тавонад гуфтан ба ин ширинние, ки ӯ дар мадҳ ҳамегӯяд дар ин қасида:

Офарину мадҳ суд ояд ҳаме,
Гар ба ганҷ андар зиён ояд ҳаме.

Дар ин байт аз ҳусн ҳафт санъат аст:

Аввал — мутобиқ (хушқолаб)
Дуввум — мутазод (ба ҳам зид)
Саввум — мураддаф (радифдор)
Чаҳорум — баёни мусовот (баробар)
Панҷум — узубат (ширинӣ)
Шашум — фасоҳат (равшанбаёнӣ)
Ҳафтум — ҷазолат (бошукӯҳ)

Ва ҳар устоде, ки ӯро дар илми шеър баҳрае ҳаст, чун андаке фикр кунад, донад, ки ман дуруст гуфтаам.

## ФАРРУХӢ ДАР ДОҒГОҲ

Фаррухӣ аз Систон буд, писари Ҷӯлуғ, ғуломи Халафи Бону. Табъе бағоят некӯ дошт. Шеър хуш гуфтӣ, чанг хуб задӣ ва хидмати деҳқоне кардӣ аз деҳқонони Систон. Ва ин деҳқон ӯро ҳар сол дусад ченак панҷманӣ ғалла додӣ ва сад дирам пули нуқра.

Вай зане хост аз моликони Халаф ва харҷаш бештар афтод. Ва харҷи рӯзгор низ афзун шуд. Фаррухӣ беризқу рӯзӣ монд. Ва дар Систон касе дигар набуд, магар амирони онҳо.

Фаррухӣ қиссаи аҳволаш навишту ба деҳқон гуфт, ки «маро харҷ бештар шудааст, чӣ шавад, ки деҳқон аз он ҷо, ки карами ӯст, ғаллаи ман сесад ченак кунад ва пул саду панҷоҳ дирам, то магар бо харҷи ман баробар шавад?»

Деҳқон ба пушти қисса фармон бо мӯҳр кард, ки «ин қадар аз ту дареғ нест, вале афзун аз инро мунтазир мебош».

Фаррухӣ аз чунин ҷавоб маъюс гашт. Ва аз ҳар равандаю ояндае хабар мепурсид, ки дар гирду атрофи олам нишони мамдӯҳе шунавад. Ва агар чунин одам ёфт шавад, назди ӯ равад, шояд ки ризқу рӯзие ёбад.

Оқибат хабар карданд ӯро аз амир Абулмузаффари Чағонӣ, ки дар Чағониён мезист. Гуфтанд, ки вай аҳли адабро дӯст медорад, ин навъ одамонро тарбият мекунад ва имрӯз дар маликҳои асру амирони вақт дар ин боб ҳамто надорад.

Фаррухӣ қасидае гуфту азимати он ҷониб кард:

Бо корвони ҳулла бирафтам зи Систон,
Бо ҳуллаи танида зи дил, бофта зи ҷон.

Алҳақ некӯ қасидаест ва дар ӯ васфи шеър кардааст, дар ғояти некӯию васфи худ беназир аст.

Пас тӯшаи сафар муҳайё кард ва рӯй ба Чағониён ниҳод. Ва чун ба Чағониён расид, баҳоргоҳ буду амир ба доғгоҳ. Ва шунидам, ки ҳаждаҳ ҳазор байтал дошт, ҳар якеро куррае дар дунбол. Ва ҳар сол бирафтию куррагон доғ фармудӣ. Ва Амиди Асъад, ки кадхудои амир буд, таом тайёр мекард, то назди амир барад.

Фаррухӣ ба наздики ӯ рафту ӯро қасидае хонд. Хоҷа Амиди Асъад марде фозил буду шоирдӯст. Шеъри Фаррухиро шеъре дид тару гуворо, хушу устодона. Лекин Фаррухиро сагзие дид беандом. Ҷомае пешу пас чок пӯшида, дасторе бузург сагзивор дар сар ва пою кафш бас нохуш ва шеъре дар осмони ҳафтум. Ҳеҷ бовар накард, ки ин шеър вай гуфтааст. Ба тариқи имтиҳон гуфт:

— Амир ба доғгоҳ аст ва ман меравам пеши ӯ. Туро бо худ бибарам ба доғгоҳ, ки доғгоҳ азим хуш ҷоест. Ҷаҳоне дар ҷаҳоне. Сабза пурхаймаву чароғ чун ситора. Аз ҳар яке овози руд меояд, ҳарифон дарҳам нишастаю шароб ҳаменӯшанд ва ишрат ҳамекунанд. Ва ба даргоҳи амир оташе афрӯхта кӯҳе. Ва куррагонро доғ ҳамекунанд. Ва амир шароб дар дасту каманд дар дасти дигар. Шароб мехӯраду асп мебахшад. Қасидае гӯй лоиқи вақт, васфи доғгоҳ кун, то туро пеши амир барам.

Фаррухӣ он шаб бирафту қасидае навишт ва бомдод дар пеши Хоҷа Амиди Асъад овард ва он қасида ин аст:

Чун паранди нилгун бар рӯй пӯшад марғзор,
Парниёни ҳафтранг андар сар орад кӯҳсор.

Хокро чун нофи оҳу мушк зояд беқиёс,
Бедро чун парри тӯтӣ барг рӯяд бешумор.

Дӯш, вақти субҳдам бӯи баҳор овард бод,
Ҳаббазо, боди шамолу хуррамо бӯи баҳор.

Бод гӯӣ мушки суда дорад андар остин,
Боғ гӯӣ лӯъбатони ҷилва дорад бар канор,

Настарин лӯълӯи байзо дорад андар мурсала,
Арғувон лаъли бадахшӣ дорад андар гӯшвор.

То баромад ҷомаҳои сурхи мул бар шохи гул,
Панҷаҳои дасти мардум сар фурӯ кард аз чанор.

Боғ бӯқалмунлибосу шох бӯқалмуннамой,
Об марворидгуну абр марворидбор.

Рост пиндорӣ, ки хилъатҳои рангин ёфтанд,
Боғҳои пурнигор аз доғгоҳи шаҳриёр.

Доғгоҳи шаҳриёр акнун чунон хуррам бувад,
К-андар ӯ аз хуррамӣ хира бимонад рӯзгор.

Сабза андар сабза бинӣ чун сипеҳр андар сипеҳр,
Хайма андар хайма чун симин ҳисор андар ҳисор.

Ҳар куҷо links хаймаст, хуфта ошиқе бо дӯст маст,
Ҳар куҷо сабзаст, шодон ёре аз дидори ёр.

Сабзаҳо бо бонги чанги мутрибони чарбдаст,
Хаймаҳо бо бонги нӯши соқиёни майгусор.

Ошиқон бӯсу канору некӯвон нозу итоб,
Мутрибон руду суруду хуфтагон хобу хумор.

Бар дари пардасарои хусрави пирӯзбахт
Аз паи доғ оташе афрӯхта хуршедвор.

Баркашида оташе чун митради дебои зард,
Гарм чун табъи ҷавону зард чун зари иёр.

Доғҳо чун шохаҳои буссади ёқутранг,
Ҳар яке чун нордона гашта андар зери нор.

Ридакони хобнодида масоф андар масоф,
Маркабони доғнокарда қатор андар қатор.

Хусрави фаррухсияр бар бораи дарё гузар,
Бо каманд андар миёни дашт чун Исфандиёр.

Ҳамчу зулфи некӯвони Марв гесӯ тоб хӯрд,
Ҳамчу аҳди дӯстони солхӯрда устувор.

Мири одил Булмузаффаршоҳ бо пайвастагон
Шодмону шодхору компрону комкор.

Ҳар киро андар каманди шастбозӣ дарфиканд,
Гашт номаш бар сарини шонаву рӯяш нигор.

Ҳар чи з-ин сӯ доғ кард, аз сӯи дигар ҳадя дод,
Шоиронро бо лигому зоиронро бо фасор.

Чун Хоҷа Амиди Асъад ин қасида бишнид, сахт ҳайрон монд, ки ҳаргиз мисли он ба гӯши ӯ фурӯ нашуда буд. Аз баҳри ҳамаи корҳояш баромад ва Фаррухиро ба асп савор карду роҳи доғгоҳро пеш гирифт. Вақти ғуруби офтоб ба доғгоҳ расид ва пеши амир рафту гуфт:

— Эй худованд, туро шоире овардаам, ки то Дақиқӣ рӯй дар ниқоби хок кашидааст, кас мисли ӯ надидааст.

Ва ҳикоят кард он чӣ дида буд.

Амир фармуд, ки Фаррухиро биёваранд.

Фаррухӣ ба боргоҳ даромад ва салом дод. Амир даст дод, ҷои нишаст нишон дод, ҳолу аҳвол пурсид ва меҳрубонӣ кард.

Баъди обу зиёфат Фаррухӣ аз ҷой бархост ва ба овози ҳазину хуш ин қасида бихонд ки:



Бо корвони ҳулла бирафтам зи Систон...

Чун тамом бихонд, амир шеършинос буду низ шеър гуфтӣ, аз ин қасида бисёр хушаш омад.

Амиди Асъад гуфт:

— Эй худованд, бош то беҳтар бинӣ.

Пас Фаррухӣ хомӯш гашту дам даркашид, то ғояти кайфу сафо. Сипас Фаррухӣ бархосту он қасидаи доғгоҳ бархонд. Амир дар ҳайрат монд. Бо ҳайрат ба Фаррухӣ нигаристу гуфт:

— Ҳазор сар курра овperданд, ҳама рӯй сафеду чаҳор дасту пой сафеди хатлонӣ. Роҳ туростт. Ту марде сагзию айёрӣ. Чандон ки битавонӣ гирифт, бигир, туро бошад.

Фаррухӣ маст буд. Шароб асар карда буд. Вай берун баромад, зуд дастор аз сар фурӯ гирифт ва даруни тӯдаи аспон даромаду як гала пеш-пеш ронда рӯи дашт бурд. Бисёр бар чапу рост ва аз ҳар тараф бидавонид ва ягон аспро дошта натавонист. Охируламр работе вайрон дар канори лашкаргоҳ намоён шуд. Ва курраҳо ба он работ даромаданд. Фаррухӣ бағоят монда шуда буд. Вай дар даҳлези работ дастор зери сар монд ва хоб рафт. Зуд хобаш бурд.

Одамони амир куррагонро бишумурданд, чиҳилу дуто буд. Рафтанду аҳвол ба амир гуфтанд. Амир бисёр бихандид ва тааҷҷубҳо карду гуфт:

— Марде хушбахт аст, кори ӯ боло гирад. Ӯрою куррагон нигоҳ доред ва чун ӯ бедор шавад, маро бедор кунед.

Дигар рӯз бо тулӯи офтоб Фаррухӣ аз хоб бедор шуд. Амир худ бархоста буду намоз карда, Фаррухиро хуш қабул кард. Он чиҳилу ду курраро ба ӯ бахшид. Ва ба ӯ аспе бо афзори хоса, ду хайма, се хачир, панҷ хизматгор ва пӯшиданиву густурданӣ инъом дод. Ва кори Фаррухӣ дар хидмати ӯ олӣ шуд ва шукӯҳе ёфт.

Дертар Фаррухӣ ба хидмати султон Яминуддавла Маҳмуд рафт. Ва чун султон Маҳмуд ӯро бо шаъну шукӯҳ дид, бо ҳамон чашм дар ӯ нигарист ва кораш ба он ҷо расид, ки то бист ғуломи симинкамар аз паси ӯ барнишастандӣ.

## ҲАБСИ САЪДИ САЛМОН

Дар соли 1178 милодӣ соҳибғаразе ба султон Иброҳим хабар дод, ки писари ӯ Сайфуддавла амир Маҳмуд нияти он дорад, ки ба ҷониби Ироқ биравад ба хидмати Маликшоҳ. Иброҳим қаҳр кард ва Маҳмудро ғофил гирифту бибаст ва ба ҳисор фиристод. Ва надимони ӯро низ банд карданду ба ҳисор фиристониданд. Аз ҷумла яке Масъуди Саъди Салмон буд ва ӯро ба Ваҷиристон, ба қалъаи Ной фиристоданд.

Масъуди Саъди Салмон аз қалъаи Ной ду байт ба султон Иброҳим фиристод:

Дар банди ту, эй шоҳ, Маликшаҳ бояд,
То банди ту пойи тоҷдоре сояд.

Он кас, ки зи пушти Саъди Салмон ояд,
Гар заҳр шавад, мулки туро нагзояд.

Ин ду байт Алии Хос бари султон бурд. Ба ӯ ҳеҷ таъсир накард. Ва арбоби хираду асҳоби инсоф донанд, ки ҳабсиёти Масъуд дар баландӣ ба чӣ дараҷа расидаасту дар фасоҳат ба чӣ поя бувад. Вақтҳое мешавад, ки ман аз ашъори ӯ ҳамехонам, мӯй бар андоми ман бар пой хезад ва ҷойи он бувад, ки об аз чашми ман биравад. Ҳамаи ин ашъор бар он султон хонданд ва ӯ бишунид, вале ба ҳеҷ ваҷҳ гарм нашуд. Ва аз дунё бирафту он озодмардро дар зиндон бигузошт.

Муддати ҳабси Масъуд ба сабаби қаробат бо Сайфуддавла дувоздаҳ сол буд. Ва дар рӯзгори султон Масъуди Иброҳим, ба сабаби дӯстии ӯ бо Абӯнасри Порсӣ ҳашт сол буд. Ва чандон қасидаҳои хубу аълое, ки аз табъи расои ӯ зода буд, ҳеҷ маъқул нашуд ба онҳо.

Баъд аз ҳашт сол сиққатулмулук Тоҳир Алии Мушкон ӯро аз ҳабс берун овард. Вале он озодмард дар даврони Иброҳим ва Масъуд ҳама умр дар ҳабс ба сар бурд ва ин бадномӣ дар он хонадони бузург бимонд. Ва мани банда дар ҳайратам, ки ин



ҳолро бар чӣ ҳамл кунам — бар устувории раъй, ё бар ғафлати табъ, ба бераҳмӣ, ё бар баддилӣ? Ва надидам ҳеҷ хирадманд, ки он давлатро бар ин ҳазму эҳтиёт ситоиш кард.

Аз султони олам Ғиёсуддунё ваддин Муҳаммад ибни Маликшоҳ ба дари шаҳри Ҳамадон дар воқиаи амир Шиҳобуддин, ки домоди ӯ буд, шунидам, ки душман дар ҳабс нигоҳ доштан нишони баддилист. Зеро ки аз ду ҳол берун нест: ё хайрхоҳ аст, ё бадкор. Агар хайрхоҳ аст, дар ҳабс доштан зулм аст. Ва агар бадкор аст, бадкорро зинда нигоҳ доштан ҳам зулм аст.

Ҷаҳон бар он султонон ба сар омад ва он бадномӣ то домани қиёмат бимонд.

## ЧАҲОР ТАБАҚ ТИЛЛОИ РАШИДӢ

Мулки Хоқониён дар замони султон Хизр ибни Иброҳим азим таровате дошт ва боҳашамат сиёсатеву маҳобате, ки беш аз он набуд. Ва ӯ подшоҳи хирадманду одил ва мулкорой буд. Мовароуннаҳру Туркистон ӯро тобеъ ва аз ҷониби Хуросон ӯро фароғате тамом ва хешию дӯстӣ ва аҳду паймон барқарор. Ва шоирдӯсти азим буд.

Устод Рашидию Амир Амъақ ва Наҷиби Фарғонию Наҷҷори Соғирҷӣ ва Алии Бонизию Писари Дарғӯш ва Писари Исфараонию Алии Сипеҳрӣ дар хидмати ӯ мақому мартабаҳо ёфтаанд.

Ва Амир Амъақ амирушшуаро буд. Ва дар маҷлиси подшоҳ азим мӯҳтарам буд. Ба зарурат дигар шоирон хидмати ӯ мекарданд. Ва аз устод Рашидӣ ҳамон тамаъ медошт, ки аз дигарон, вале муяссар намешуд. Агарчи Рашидӣ ҷавон буд, аммо олим буд. Ва ҳамагӣ ҳарами Хизр ибни Иброҳим дар фармони ӯ буд. Дар назди султон обрӯву эътибор дошт.

Рӯзе дар ғайбати Рашидӣ султон аз Амъақ пурсид:

— Шеъри Абдуссаид Рашидиро чун мебинӣ?

Гуфт:

— Шеъри бағоят неки поку соф, аммо қадаре намакаш дармеояд.



Баъди чанд рӯз Рашидӣ омаду хидмат кард ва хост, ки биншинад. Султон ӯро пеш даъват карду гуфт:

— Амирушшуароро пурсидам, ки шеъри Рашидӣ чун аст? Гуфт ки нек аст, аммо бенамак аст. Бояд, ки дар маънӣ байте ду бигӯӣ.

Рашидӣ хидмат карду ба ҷойи хеш омаду бинишаст ва дар бадеҳа ин қитъа бигуфт:

Шеърҳои маро ба бенамакӣ
Айб кардӣ, раво бувад шояд.
Шеъри ман ҳамчу шаккару шаҳд аст,
В-андар ин ду намак нақӯ н-ояд.
Шалғаму боқилист гуфтаи ту,
Намак, эй қалтабон, туро бояд.

Чун арза кард, султонро азим хуш омад. Ва дар Мовароуннаҳр одату расм аст, ки дар маҷлиси подшоҳ ва дигар маҷлисҳо зару сим дар табаққо ба нуқл биниҳанд ва онро «сими тоқ» ё «ҷуфт» гӯянд.

Дар маҷлиси Хизр ибни Иброҳим барои инъом чаҳор табақ зари сурх мемонданд. Дар ҳар табақ дусаду панҷоҳ динор буд ва аз он бо мушт гирифта инъом медоданд. Ин рӯз ҳамаи чаҳор табақро ба Рашидӣ дод.

Ва Рашидӣ маъруф шуд. Расм ҳамин аст, чунон ки шоҳ ба шеъри неки шоир маъруф мешавад, шоир ба инъоми шоистаи шоҳ маъруф шавад. Ин ду маънӣ барои якдигар лозиманд.

## САРГУЗАШТИ ФИРДАВСӢ

Устод Абулқосими Фирдавсӣ аз деҳқонони Тӯс буд. Аз деҳе, ки он деҳро Бож гӯянд ва аз ноҳияти Табарон аст. Деҳаи калонест ва аз он ҳазор мард берун ояд. Фирдавсӣ дар он деҳ шавкате комил дошт, чунон ки ба ҳосили дахли он обу замин рӯзгори худро серу пур таъмин мекард. Ва аз фарзанд як духтар беш надошт.

Ва «Шоҳнома» ба назм ҳамекард ва ҳама умеди ӯ он буд, ки аз музду мукофоти он китоб ҷиҳози он духтар тартибу таъмин намояд.

Бисту панҷ сол дар он китоб машғул шуд ва он китоб тамом кард. Ва алҳақ ҳеҷ боқӣ нагузошту суханро ба арши аъло бурд. Ва дар ширинӣ ба дараҷаи олӣ расонид.

Ва кадом табъро қудрати он бошад, ки суханро ба ин дараҷа расонад, ки ӯ расонидааст дар номае, ки Зол ҳаменависад ба Соми Наримон ба Мозандарон, дар он ҳол, ки бо Рӯдоба, духтари шоҳи Кобул нияти издивоҷу никоҳ дошт:

Яке нома фармуд наздики Сом,
Саросар дуруду навиду хиром.

Нахуст аз ҷаҳонофарин ёд кард,
Ки ҳам дод фармуду ҳам дод кард.

В-аз ӯ бод бар Соми Найрам дуруд,
Худованди шамшеру кӯполу хӯд.

Чамонандаи чарма ҳангоми гард,
Чаронандаи каргас андар набард.

Фарояндаи боди овардгоҳ,
Фишонандаи хун зи абри сиёҳ.

Ба мардӣ ҳунар дар ҳунар сохта,
Сараш аз ҳунар гардан афрохта.

Ман дар Аҷам сухане ба ин фасоҳат намебинам ва дар бисёри аз сухани араб ҳам.

Чун Фирдавсӣ «Шоҳнома» тамом кард, нусхабардораш Алии Дайлам буд ва ровӣ Абӯдулаф ва пешкор Ҳуйяи Қутайба, ки омили Тӯс буд ва ба ҷои Фирдавсӣ некӯиҳо дошт. Номи ин ҳар се дар «Шоҳнома» овардааст:

Аз ин нома аз номдорони шаҳр,
Алӣ Дайламу Бӯдулафрост баҳр.

Наёмад ҷуз аҳсантшон баҳраам,
Бикафт андар аҳсантшон заҳраам.

Ҳуйяи Қутайбаст аз озодагон,
Ки аз ман нахоҳад суханро ягон.

Наям огаҳ аз аслу фаръи хироҷ,
Ҳамеғалтам андар миёни давоҷ.

Ҳуйяи Қутайба омили Тӯс буд ва ин қадар ӯро воҷиб дошту аз хироҷ озод кард, ногузир номи ӯ то қиёмат бимонд ва подшоҳон ҳамехонанд.

Пас «Шоҳнома» Алии Дайлам дар ҳафт ҷилд навишт. Ва Фирдавсӣ Бӯдулафро ҳамроҳ гирифту ҷониби Ғазнин рафт. Дар Ғазнин ба паёмбурди Хоҷаи Бузург Аҳмади Ҳасани Котиб арза кард ва қабул афтод. Ва султон Маҳмуд аз Хоҷа миннатҳо дошт.

Аммо Хоҷаи Бузург ҳасадхӯрон дошт ва онҳо низоъҳо бармеангехтанд. Ва онҳо аз бахилӣ пайваста хоки душманӣ дар қадҳи чоҳи ӯ ҳамеандохтанд.

Маҳмуд бо он ҷамоат тадбир кард, ки Фирдавсиро чӣ диҳем?

Гуфтанд:

— Панҷоҳ ҳазор дирам. Ва ин худ бисёр бошад, ки ӯ марде рофизист ва бадмазҳаб. Ва ин байте, ки ӯ гуфт, далел аст ба он ки дар мазҳаби мӯътазилист:

Ба бинандагон офаринандаро
Набинӣ, маранҷон ду бинандаро.

Ва бар рафъи ӯ ин байтҳо далел аст, ки гуфт:

Хирадманди гетӣ чу дарё ниҳод,
Барангехта мавҷ аз ӯ тундбод.

Чу ҳафтод киштӣ дар ӯ сохта,
Ҳама бодбонҳо барафрохта.

Миёна яке хуб киштӣ — арӯс,
Баророста ҳамчу чашми хурӯс.



Паят бар бад-ӯ андарун бо Алӣ,
Ҳама аҳли байти набию васӣ.

Агар хулд хоҳӣ ба дигар сарой,
Ба назди набию васӣ гир ҷой.

Гарат з-ин бад ояд, гуноҳи ман аст,
Чунин дон, ки в-ин роҳ роҳи ман аст.

Бар ин зодаму ҳам бар ин бигзарам,
Яқин дон, ки хоки паи Ҳайдарам.

Ва султон Маҳмуд марде мутаассиб буд. Ва гапи онҳо бовар кард, қаҳр гирифт ва қадри хидмати Фирдавсӣ надонист. Фармуд ки ба Фирдавсӣ бист ҳазор дирам бидиҳанд.

Фирдавсӣ аз ин муомила сахт ранҷид. Ба ҳамом рафт, аз он ҷо бароmaду шаробе хӯрд. Ва он дирамҳо, ки Маҳмуд фиристода буд, байни ҳаммомӣ ва шаробфурӯш тақсим кард.

Сиёсати Маҳмуд медонист, бинобар он ба шаб аз Ғазинин бирафт. Ва дар Ҳарӣ ба дӯкони Исмоили Варроқ, падари Азрақӣ фуруд омад.

Ва шаш моҳ дар хонаи ӯ пинҳон шуд. То одамони Маҳмуд ба Тӯс расиданд ва бозгаштанд.

Ва чун Фирдавсӣ халос шуд, аз Ҳарӣ ба Тӯс рафт. Ва «Шоҳнома» баргирифт ва ба Табаристон рафт, ба наздики сипаҳбади Шаҳриёр, ки аз оли Бованд дар Табаристон подшоҳ ӯ буд. Ва он хонадонест бузург, нисбати онҳо ба Яздигурди Шаҳриёр пайванд.

Пас Фирдавсӣ ҳаҷви Маҳмуд навишт дар дебочаи китоб байте сад. Ва ба Шаҳриёр хонду гуфт:

— Ман ин китобро аз номи Маҳмуд ба номи ту хоҳам кард. Ин китоб ҳама ахбору осори аҷдодони туст.

Шаҳриёр ӯро меҳрубонию дилҷӯӣ кард ва некӯиҳо фармуду гуфт:

— Ё устод! Маҳмудро бар он доштаанд ва китоби туро чунон ки бояд арза накардаанд. Ба ту душманӣ кардаанд. Ва дигар ту

марде шиаӣ. Ва ҳар кӣ дӯстдорӣ хонадони паёмбар бошад, ӯро моли дунё ба ҳеҷ коре наравад. Баъд Маҳмуд худовандгори ман аст. Ту «Шоҳнома» ба номи ӯ нигоҳ дор ва ҳаҷви ӯ ба ман деҳ, то бишӯяму туро андак чизе бидиҳам. Маҳмуд худ туро даъват кунаду ризои ту талабад. Ва ранҷи чунин китоб зоеъ намонад.

Рӯзи дигар Шаҳриёр сад ҳазор дирам фиристоду гуфт:

— Ҳар байте ба ҳазор дирам харидам. Он сад байт ба ман деҳ ва бо Маҳмуд дил хуш кун.

Фирдавсӣ он байтҳо ба Шаҳриёр фиристод. Шаҳриёр бифармуд, то он байтҳо бишустанд.

Фирдавсӣ низ сиёҳнавис бишуст ва он ҳаҷв несту нобуд гашт. Ва аз он ҷумла ин шаш байт бимонд:

Маро ғамз карданд, к-он пурсухан
Ба меҳри набию Алӣ шуд куҳан.

Агар меҳрашон ман ҳикоят кунам,
Чу Маҳмудро сад ҳимоят кунам.

Парасторзода наёяд ба кор
В-агар чанд бошад падар шаҳриёр.

Аз ин дар сухан чанд ронам ҳаме,
Чу дарё карона надонам ҳаме.

Ба некӣ набуд шоҳро дастгоҳ
Вагарна маро барнишондӣ ба гоҳ.

Чу андар табораш бузургӣ набуд,
Надонист номи бузургон шунуд.

Алҳақ некӯ хидмате кард Шаҳриёр ба Маҳмуд. Ва Маҳмуд аз ӯ миннатҳо дошт.

Дар соли 1121 милодӣ дар Нишопур шунидам аз Амир Муиззӣ, ки гуфт:

— Аз амир Абдурраззоқ шунидам дар Тӯс, ки ӯ гуфт: вақте Маҳмуд ба Ҳиндустон буд ва аз он ҷо баргашту ҷониби Ғазнин

мерафт, дар роҳи ӯ саркаше буду ҳисори устувор дошт. Рӯзи дигар Маҳмуд бар дари ҳисори вай манзил кард. Пеши ӯ расуле бифиристод, ки фардо бояд назди ман биёӣ. Ва пешкаше биёрӣ, боргоҳи моро хидмат кунӣ. Ва хилъат бипӯшию бозгардӣ.

Дигар рӯз Маҳмуд ба асп савор шуд ва Хоҷаи Бузург аз тарафи дасти рости ӯ мерафт. Дар ҳамин вақт фиристода баргашт ва пеши султон ҳамеомад.

Султон ба Хоҷа гуфт:

— Чӣ ҷавоб дода бошад?

Хоҷа ин байти Фирдавсӣ бихонд:

Агар ҷуз ба коми ман ояд ҷавоб,
Ману гурзу майдону Афросиёб.

Маҳмуд гуфт:

— Ин байт кирост, ки мардӣ аз он ҳамезояд?

Хоҷа гуфт:

— Бечора Абулқосими Фирдавсирост, ки бисту панҷ сол ранҷ бурд ва чунон китобе тамом кард ва ҳеҷ самара надид.

Маҳмуд гуфт:

— Сара кардӣ, ки маро аз он ёд овардӣ. Ман аз ҷон пушаймон шудаам. Он озодмард аз ман маҳрум монд. Дар Ғазнин маро ёд деҳ, то ӯро чизе фиристам.

Хоҷа чун ба Ғазнин омад, бар Маҳмуд ёд кард.

Маҳмуд гуфт:

— Шаст ҳазор динор Абулқосими Фирдавсиро бифармой ва ба уштури султонӣ ба Тӯс баранд ва аз ӯ узр хоҳанд.

Хоҷа солҳо буд, то дар ин банд буд. Охир он мурод ҳосил шуд. Вай зар биёварду уштур гусел кард.

Аз дарвозаи Рӯдбор уштур ба шаҳри Табарон даромад ва ҷанозаи Фирдавсӣ аз дарвозаи Разон берун ҳамебурданд. Ҳамон вақтҳо воизе буд дар Табарон таассуб карду гуфт:

— Ман рухсат намедиҳам, ки ҷанозаи ӯ ба гӯристони мусулмонон баранд, зеро вай рофизӣ буд.



Ва ҳарчанд мардумон бигуфтанд ба он донишманд, дарнагирифт — роҳ надод.

Даруни дарвоза боғе буд, мулки Фирдавсӣ. Ӯро дар он боғ дафн карданд. Имрӯз ҳам дар он ҷост. Ва ман дар соли 1117 милодӣ он хокро зиёрат кардам.

Гӯянд аз Фирдавсӣ духтаре монд, сахт бузургвор. Тӯҳфаи султон хостанд ки ба ӯ супоранд, қабул накарду гуфт:

— Ба он мӯҳтоҷ нестам.

Соҳиббарид бинвишту ба султон хабар дод. Маҳмуд фармон фиристонд, ки он донишмандро аз Табарон пеш кунанд барои он ҳарзагӯе, ки кардааст. Ва он пул ба хоҷа Абӯбакр Исҳоқи Карромӣ диҳанд, то Работи Чоҳа, ки бар сари роҳи Нишопуру Марв аст, дар ҳадди Тӯс, иморат кунад.

Чун фармон ба Тӯс расид, итоат намуданд. Ва иморати Работи Чоҳа аз он пул аст.



## МУНДАРИҶА

Сарсухан....................................................................2

Шеър ва шоирӣ ..............................................................3

Бадеҳагӯии Рӯдакӣ .........................................................4

Фаррухӣ дар доғгоҳ.........................................................9

Ҳабси Саъди Салмон ....................................................15

Чаҳор табақ тиллои Рашидӣ ..........................................17

Саргузашти Фирдавсӣ ...................................................19